Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)**

Мавзуи интихобнамудаи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович, ки ба масоили таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бахшида шудааст, ба яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти сиёсии муосир иртибот дошта, бо дарназардошти таҳаввулоти муосири геополитикӣ, рушди равандҳои глобалӣ, афзоиши таҳдидҳои фаромиллӣ ва воқеиятҳои ҷуғрофиёю сиёсӣ дар минтақа аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ пайдо менамояд. Муаллиф талош намудааст, ки ба воситаи таҳлили мукаммал, муқоисавӣ ва системавии падидаҳои мураккаби таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, онҳоро дар партави равандҳои ҳамгироии минтақавӣ, сиёсати амниятии кишварҳои минтақа ва нуфузи афзояндаи қудратҳои ҷаҳонӣ арзёбӣ намояд.

Арзиши илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо такя ба таҳлили васеи манбаъҳои илмӣ, адабиёт ва таҷрибаи амалии кишварҳои Осиёи Марказӣ, масъалаҳои амнияти минтақавиро бо назари тоза ва таҳлили амиқ баррасӣ кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф бо истифода аз методҳои таҳлили муқоисавӣ, системавӣ, институтсионалӣ ва консептуалӣ тавонистааст равандҳои ташаккул ва таҳкими амниятро дар заминаи фаъолияти созмонҳои минтақавӣ – ИДМ, СААД ва СҲШ, инчунин дар заминаи мавқеъ ва сиёсатҳои амниятии кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, аз қабили Россия, ИМА ва Чин мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор диҳад ва самтҳои эҳтимолии густариши ҳамкориҳоро муайян созад.Мақоми хоссаи илмии рисоларо он ҷиҳат таъмин

менамояд, ки муаллиф ба таври дақиқ на танҳо хатарҳои воқеии амниятиро муайян намудааст, балки заминаҳои низомӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии шиддатгирии ин таҳдидҳоро таҳлил карда, дар ин росто консепсияи «неруи нарм»-ро низ дар сиёсати хориҷии қудратҳои ҷаҳонӣ мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи таъмини амнияти минтақавиро дар Осиёи Марказӣ дар заминаи таҳаввулоти муосири геополитикӣ ва афзоиши таҳдидҳои мураккаби фаромиллӣ бо назари тоза ва таҳлили фарогир мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин, муаллиф аввалин шуда кӯшидааст, ки таъсири «неруи нарм»-и абарқудратҳоро (Чин, ИМА, Россия) дар таҳкими амнияти минтақа ва ҳамчунин имкониятҳои ҳамоҳангсозии сиёсати амниятии кишварҳои Осиёи Марказиро дар чаҳорчӯби ташаббусҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таҳлил намояд. Ин равиш имкон медиҳад, ки муносибатҳои мураккаби геополитикӣ ва амниятӣ бо назари васеътар фаҳмида шаванд ва барои таҳияи стратегияҳои муассиртар дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ замина фароҳам ояд.

Мундариҷаи ифодаёфта дар автореферат ба таври мухтасар дар бораи сохтори илмӣ ва паҳлуҳои муҳими назариявию амалии таҳқиқот маълумот дода, нишон медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таҳкими амнияти минтақавӣ ҳамчун роҳнамо мавриди истифода қарор гиранд. Ин натиҷаҳо бо дарназардошти таҳлили таҳдидҳои замони муосир ва арзёбии нақши созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, инчунин фаъолияти қудратҳои ҷаҳонӣ, дорои аҳамияти амалӣ мебошад.

Автореферати мазкур дорои ҷанбаҳои муваффақ ва арзишманд аст, аммо баъзе нуқтаҳо низ мавҷуданд, ки такмил ва таҳрири минбаъдаашон метавонад сифати илмии онро боз ҳам баланд бардорад.

1) Муаллиф дар зербоби аввали боби якум ба таҳлили мафҳум ва хусусиятҳои таҳдидҳои замони муосир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст, вале дар бархе мавридҳо шарҳи мафҳуми «таҳдид» бештар ба манобеи луғавӣ такя мекунад ва каме аз таҳлили назариявӣ ва сиёсӣ фосила мегирад (саҳ. 16).

2) Дар матни автореферати кори диссертатсионии муаллиф якчанд хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд. Бартараф намудани ин камбудиҳо барои беҳтар намудани сифати кор ва баланд бардоштани сатҳи минбаъдаи таҳқиқот судманд хоҳад буд.

Камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар асоси муҳтавои илмӣ, сохтори методологӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот метавон ба хулоса омад, ки Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси сиёсатшиносӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Директори МД "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои сиёсӣ **Мамадбекзода М.Ш.**

**Суроға:** 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 71.
Телефон: +992 907 83 96 45
E-mail: sorbon4@inbox.ru

Имзои Директори МД "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ Мамадбекзода М.Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Нозири калони шуъбаи кадрҳои МД "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"
_______________ Султонбекова С.

**Суроғаи муассиса:** 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 71.
Телефон: +992 37 2391838

19.05.2025